**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и., профессор
_________ Хайрзода Ш.Қ.
«__25__» ___01______с.2025

**ХУЛОСАИ**

**ҷаласаи якҷояи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара**

Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.

Дар рафти пажуҳиши мавзуи диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар унвонҷӯи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара ба шумор меравад.

Ализода Алиҷон Анвар соли 2018 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қурғонтеппа) ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои "Таърих ва фалсафаи илм" ва "Забони англисӣ" тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии Донишгоҳи давлатии Данғара супорида шудааст. Ба довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14-октябри соли 2025, №76 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ Расулиён Қаҳҳор Расул доктори илмҳои таърих профессори факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсия ва ризояти роҳбари илмии унвонҷӯ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 14 апрели соли 2020, таҳти №9 тасдиқ гардидааст.

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ.**

Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтааст.

**Мутобиқати мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба татбиқи муқараршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия** ба зербанди 5-уми банди 4-5-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентиябри соли 2020, №503)” иртибот дошта, масъалаи гиромидошти таърихи пурғановати миллати тоҷик ва таҳқиқи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар таърихи пурғановати қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон то ҳол саҳифаҳои зиёди норавшан ва таҳқиқношуда вуҷуд дорад, ки мавриди баҳсу баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиш қарор додани онҳо вазифаи муаррихон аст. Яке аз чунин мавзуҳои таҳқиқнашудаи таърихи охири давраи нав таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон мебошад.

Матбуот муҳимтарин василаи пайвандкунандаи мардум бо тамоми шохаҳои ҳокимият буда, баробари бохабар кардани омма аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳои дохиливу хориҷи кишвар, инчунин дар маърифатнокӣ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии инсон нақши муассир мегузорад. Матбуоти ҳамсони нашрияҳои имрӯза аз қабили рӯзнома, ҳафтанома, моҳнома, маҷалла, фаслнома ва монанди инҳо мисли дигар ҳама воситаҳои алоқа ва табъу нашр бидуни истисно раҳоварди тамаддун ва фарҳанги Аврупо буда, аммо дар манотиқи гуногуни қаламрави забони форсӣ бо номҳои гуногун шуҳрат пайдо намудаанд. Аз ҷумла дар Ҳиндустон, ки маҳди матбуоти форсизабон маҳсуб меёбад, ба тарҷума ва ифодаи мафҳуми истилоҳоти аврупоӣ пардохта, матбуотро аз вожаи англисии «нюс» тарҷума карда, «ахбор»

номиданд. Туркҳо «вақоеъ», арабҳо «авроқ» ва ҷарида»-ро қабул кардаанд. Дар Эрону Афғонистон вожаҳои «ахбор» ва «вақоеъ», дар Осиёи Миёна калимаҳои «рӯзнома» ва «газета» маъмул гардид.

Устод Садриддин Айнӣ дар бораи таъсири матбуот дар ҳаёти ҷомеа изҳори ақида намуда, навишта буд, ки дар зери таъсири матбуоти форсию туркӣ, ки аз шаҳрҳои мухталифи Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Россия ва ғайра ба Осиёи Миёна, минҷумла аморати Бухоро ворид мегардид, дар ин сарзамин ҷавононе пайдо шуданд, ки низоми сиёсию иҷтимоию иқтисодию фарҳангии кишварро дигаргун дидан мехостанд. Ва пеш аз ҳама онҳоро бемаърифатию бесаводии халқашон азоб медод. Барномаи нонавиштае, ки онҳо мехостанд дар ҳаёт тадбиқ намоянд, тахминан чунин буд: Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест кардан, барои ин ба ривоҷи мактаби ибтидоӣ кӯшидан, адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро дар байни мардум паҳн кардан; бо уламои паскаш мубориза бурдан, бо ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро пеши назари мардум кушода нишон додан, ба кушода шудани фикри талабагони мадраса, хусусан фарзандони уламо кушидан, масъалаиислоҳи мадорисро пеш бурдан; зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода нишон додан; исроф ва бидъатҳои байни аҳолиро барҳам задан; аз байни аҳолӣ таассубҳои ҷоҳилона, низоъҳои мазҳабиро барҳам додан ва ғайра.

Дар давраи мавриди назари мо дар кишварҳои форсизабон суннати ба худ хоси «фарҳанги рӯзноманигорӣ» шакл гирифт. Ғайраз аз «фарҳанги рӯзноманигорӣ» фақат ташаккули мушаххасот ва мухтасоти куллиёти нашрияҳо набуда, балки таъкиди ташаккули тафаккури худшиносиву арзишдиҳандаи аз назари таърихӣ воқеӣ, афкори пешқадам ва таҷдидгаро дар шакли содаву ба фаҳми умум дастрас мебошад.

Таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳои форсӣ дар сарзаминҳои гуногун, аз ҷумла дар ҳудуди Осиёи Миёна сабаби пайдо шудани яке аз соҳаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ - нақд дар адабиёти навини тоҷик гардид.

Таҷрибаи беш аз сисолаи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ истифода аз мероси таърихиву фарҳангии ниёгон дар пешрафти худшиносии миллӣ яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Аз саҳифаҳои таърих берун кашидану дастраси имрӯзиёнуояндагон қарор додани дастовардҳои гузашта яке аз паҳлӯҳои муҳимми худшиносию худогоҳӣ мебошад. Аз ин лиҳоз мавзуе, ки мо мавриди таҳқиқ қарор додем, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

-ошкор намудани заминаҳо ва сабабҳои таърихию иҷтимоии ташаккули матбуоти форсизабон;

-нишон додани раванди ба вуҷуд омадан ва рушд ёфтани рӯзномаҳои форсизабон;

-ба риштаи таҳқиқ кашидани таърихи пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккули рӯзномаҳои форсӣ дар нимҷазираи Ҳинд;

-таҳқиқ намудани вазъи матбуот дар Эрон то Инқилоби машрутаи солҳои

1905-1911, дар солҳои инқилоб ва баъд аз он;

-тавсифи матбуоти форсӣ дар Осиёи Миёна;

-нишон додани ҷойгоҳи рӯномаи «Бухорои шариф» дар тарғибу ташвиқи маорифпарварӣ;

-ошкор намудани нақши нашрияҳои М. Беҳбудӣ дар бедории афкори ҷомеа;

-таҳқиқи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар дигар кишварҳои ҷаҳон;

-пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқотиояндаи мавзуи мазкур.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он аст, ки мавзуи мазкур дар таърихи ватанӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

-ба таври комплексӣ таърихи ташаккули матбуот ба забони форсӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

-таърихи таъсис ва роҳи тайнамудаи рӯзномаҳои давлатию ғайридавлатӣ дар Эрон ва ҳамчунин марҳалаҳои рушди матбуот, мавзуҳои асосии дарҷшуда дар саҳифаҳои онҳо баррасӣ гардидааст;

-заминаҳои пайдоиши матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна, таърихи пайдоиши нахустин рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Бухорои шариф», нақши он дар тарғиби илму маориф ва бедории фикрии омма нишон дода шудааст.

-Нимҷазираи Ҳинд зодгоҳи матбуоти форсӣ қаламдод шуда, бо арқому омори дақиқ ва саҳеҳ муаллифи диссертатсия исбот намудааст, ки нахустин рӯзномаи сирф форсизабон «Ҷоми ҷаҳоннамо» буда, нахустин шумораи он 28 марти соли 1822 дар шаҳри Калкутта табъу нашр шудааст;

-таърихи пайдоиши рӯзномаҳо ба забони форсӣ дар дигар кишварҳои ҷаҳон, омилҳои ба вуҷуд омадани онҳо, мавзуҳои асосии дар саҳифаҳои онҳо дарҷшуда, таъсири онҳо ба ҷомеа, аз ҷумла ба равшанфикрону таҳсилкардагон дар аморати Бухоро ошкор карда шудааст;

-намунаҳои маводи дарҷшуда дар саҳифаҳои матбуоти форсизабони кишварҳои ҷаҳон бори аввал ба хонандаи тоҷик муаррифӣ шудааст.

**Мутобиқи теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант чаҳор мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд:

1. Ализода, А.А. Ҳиндустон маҳди матбуоти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №6. – С.60-68.

2. Ализода, А.А. Саҳми Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ дар рушди матбуоти тоҷик [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе 2022. – №4 (99). – С.338-346.

3. Ализода, А.А. Нақши рӯзномаи “Бухорои шариф” дар бедории шуури миллии тоҷикон [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С.100-108.

4. Расулиён, Қ.Р. Таърихи матбуоти Эрон аз Инқилоби машрута то анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон [Матн] / Қ.Р. Расулиён, А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №1. – С.12-23.

**Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърӯзаҳо:**

[1-М] Ализода, А.А. Ҳиндустон: оғози ташаккули матбуоти форсӣтоҷикӣ [Матн] / А.А. Ализода // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – №4. – С.132-139.

[2-М] Ализода, А.А. Матбуоти Эрон дар солҳои Инқилоби Машрута [Матн] / А.А. Ализода // Мақолоти таърихӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Шоҳин-С, 2022. – С.80-100.

[3-М] Ализода, А.А. Матбуоти Эрон дар солҳои инқилоби конститутсионии 1905-1907 [Матн] / А.А. Ализода // Масъалаҳои мубрами тибби муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Данғара, 2022. – С.378-379.

[4-М] Ализода, А.А. Инъикоси таърихи матбуот дар осори устод Расулиён [Матн] / А.А. Ализода // Таърихнигори соҳибмактаб: маводи ҳамоиши илмӣназариявӣ бахшида ба 70-солагии профессор Қаҳҳори Расулиён. – Душанбе, 2023. – С.181-189.

[5-М] Ализода, А.А. Таъсиси матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар Осиёи Миёна [Матн] / А.А. Ализода // Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣамалии. – Данғара, 2022. – С.135-139.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гиррифтааст. Рисола дар маҷлиси васеъи кафедраҳои таърихи умумӣ ва фанҳои гуманитарии факултети идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи ДДД муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Диссертатсия аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои бадастомада метавонад дар корҳои илмӣ- таҳқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равия, усул ва услубҳои таҳқиқот, ки ба самтҳои гуногуни фаъолияти матбуот дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо бахшида мешаванд, кумак расонад. Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи давраи нави кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, ҳамчунин дар дарсҳои лексионӣ ва амалии факултетҳои

таърих ва журналистика ба унвони «Курси махсус» мавриди истифода қарор гирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тавсифи маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи баррасишуда кори илмии мустақилона анҷомдодаи муаллиф буда, дар асоси меъёрҳои таҳияи диссертатсия омода гардидааст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Ализода А.А. дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ барои дифо ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърихи умумӣ ва фанҳои гуманитарии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Ализода А.А. дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Ализода А.А. дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ

барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос тавсия карда мешавад.

Хулоса, дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ ва таърихи умумии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шуд.

Дар маҷлис 24 нафар аъзоёни кафедраи таърихи умумӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ, ки аз онҳо 1 нафар доктори илм, 7 нафар номзадҳои илм, 11 нафар саромӯзгорон 6 нафар ассистентҳо, инчунин мутахассисон аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – н.и.т,. Абдулҳамидов Н., ва аз Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав н.и.т., Садриддини Айниддин иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 24 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №6 аз 22-уми октябри соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.т., мудири кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Алишери Амирхон

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Таваров Ф.Ф.
22.10.2025

Имзои Алишери А. ва
Таваров Ф.Ф. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонӣ:** 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru